Тасдиқ мекунам,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

_______________ Солеҳзода А. А.

"08" ноябри соли 2022

# ПРОТОКОЛИ №09

ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 8 ноябри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат замима мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, кишоварзӣ, нақлиёт, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ", Аҳадзода Б. - сардори сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, Муҳаммади Одина-сардори Раёсати рушди соҳаҳои кишоварзӣ, иқтисоди сабз ва экология.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2019, №537 );

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №437 );

3.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, №321).

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А.А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» Ҳурматзода Изатулло Зариф Муовини сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, сипас Чиллаев Хуршед-сардори Шӯъбаи таҳлилии ҷамбастии Раёсати ташкилию бозрасии Хадамоти

гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Мониторинги барнома нишон медиҳад, ки бо мақсади ба таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо воситаҳои муосири техникии назорати гумрукии ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси Хадамот корҳои сохтмонию таъмирӣ дар давраи солҳои 2020-2021 ва 9 моҳи соли 2022 ба маблағи 9,9 млн. сомонӣ (соли 2020-3,7 млн. сомонӣ, 2021-2,3 млн. сомонӣ ва 9 моҳи 2022-3,9 млн. сомонӣ) корҳо ба анҷом расонида шуда, аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ бошад дар ин давра ба маблағи 419,3 млн. сомонӣ кумакҳои техникӣ ҷалб ва аз худ карда шудааст.

Оид ба ҳисоботи иҷрои барномаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф. В., Бозиев К. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуда, пешниҳод намуданд, ки ҳисобот бо назардошти ҷадвали ҷамъбастии оид ба иҷрои он аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ таҳлил гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Инчунин, таъкид гардид, ки мониторинг ва арзёбии амалишавии Барномаи мазкур дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбиии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мутобиқ карда шавад.

Вобаста ба ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №437 тасдиқ шудааст, Ализода Суҳроб Маҳмуд–Муовини Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, сипас Исфандиёри Саъдулло–муовини Директори ҶСК "Телерадиоком" гузориш манзур намуд.

Амалишавии пурраи барномаи мазкур имкон медиҳад, ки 85,4 фоизи сокинони мамлакат ба шабакаҳои давлатии телевизион тавассути пахши рақамӣ дастрасӣ пайдо намоянд.

Маблағгузорӣ барои амалишавии барномаи мазкур 32,6 млн. сомониро (16,3 млн. сомонӣ аз ҳисоби мабалғҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва 16,3 млн. сомонӣ аз ҳисоби мабалғҳои худӣ) ташкил медиҳад. Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барнома аз 5 марҳила иборат буда, дар ин давра 137 фиристанда дар минтақаҳои муайяни ҷумҳурӣ, асосан минтақаҳои наздисарҳадӣ насб мегардад.

Иҷроиши Барнома дар давраи солҳои 2020-2021 ва 9 моҳи соли 2022 ба маблағи 18 млн. сомонӣ ё 55,2 фоиз (марҳилаи якум 21 фиристандаи гуногуниқтидор бо маблағи 5,0 млн. сомонӣ, марҳилаи дуюм 24 фиристандаи рақамӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ бо маблағи 6,0 млн. сомонӣ ва марҳилаи сеюм 27 фиристандаи гуногуниқтидори рақамӣ бо маблағи 7 млн. сомонӣ) таъмин гардидааст.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Пешниҳод карда шуд, ки мониторинг ва арзёбии амалишавии Барномаи мазкур ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбиии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мутобиқ карда шавад.

Тибқи рузномаи ҷаласа вобаста ба "Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025" Ҳотамзода Ҳотам-Сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чараёни иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №643 дар шакли рӯнамо гузориш пешниҳод намуд.

Ҳисобот мавриди баррасии аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ қарор гарифта, пешниҳод карда шуд, ки ҳисоботи пешниҳодшуда номукаммал буда, он тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбиии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мутобиқ карда шавад. Ҳамчунин, иҷрои нақшаи чорабиниҳои он ҳам аз рӯи маблағгузорӣ ва ҳам аз рӯи чорабиниҳо пешниҳод карда шавад.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти кайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 14 ноябри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2. Сарраёсати сиёсати савдо ва бозори истеъмолӣ (Зиёиён А.) ҳисоботи ҷараёни амалишавии «Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024»-ро бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 24 ноябри соли 2022 такмил дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

3.Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷараёни татбиқи «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024»-ро бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида такмил дода, то 14 ноябри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

4. Раёсати рушди иҷтимоӣ (Файзуллозода Ф. В.) ҳисоботи иҷрои «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2020-2024»-ро бо назардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 24 ноябри соли 2022 ба Ҳукумати Ҷумҳурии  Тоҷикистон ирсол намояд;

5.Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи чараёни иҷрои «Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025»-ро тибқи пешниҳодҳо такмил дода, то 21 ноябри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намояд ва дар ҷаласаи ғайринавбатӣ он баррасӣ гардад.

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова